**Бо назардоши тағйироту иловаҳо, ки**
**Бо бо қарори Шӯрои Парасторони**
**Фонди Қарзии Хурди «МикроИнвест»**
**суратҷаласаи №06 аз 21 сентябри с. 2022**
**ворид гардиданд**

# ОИННОМАИ
# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ
# «МИКРОИНВЕСТ»

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Фонди қарзии хурди «МикроИнвест» (минбаъд Фонд ном бурда мешавад), бо Қарори Президенти Ташкилоти Байналхалқии ACDI/VOCA аз 27 январи соли 2005 таъсис дода шудааст. Корпоратсияи ғайритиҷоратии ACDI/VOCA, ки дар штати Иллинойси ИМА созмон дода шуда мувофиқи Қонунхои ИМА амал мекунад, муассиси ягонаи Фонд мебошад (минбаъд Муассис ном бурда мешавад).

1.2. Фонд ташкилоти мустақили ғайритиҷоратӣ буда, аъзоён надорад ва дар шакли фонди ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст. Фонд фаъолияти худро мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои молиявии хурд», дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур (минбаъд Оиннома ном бурда мешавад) ба амал мебарорад.

1.3. Номи пурраи Фонд:

Ба забони англисӣ - MicroInvest Microcredit Fund;

Ба забони русӣ - Микрокредитный фонд «МикроИнвест»;

Ба забони тоҷикӣ - Фонди қарзии хурди «МикроИнвест»;

Номи Фонд дар шакли ихтисоршудааш:

Ба забони англисӣ - MicroInvest, MCF

Ба забони русӣ - МКФ «МикроИнвест»

Ба забони тоҷикӣ - ФҚХ «МикроИнвест»

1.4. Фаъолияти Фонд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад паҳн гардад.

1.5. Суроғаи ҳуқуқии Филиали Фонд: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Хувайдуллоев 2/2.

1.6. Суроғаи ҳуқуқии Филиали Фонд дар ш.Хучанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи А.Фирдавӣ 128

1.7. Фонд ба мӯҳлати номаҳдуд таъсис дода шудааст.

## II. МАҚСАДИ ТАЪСИС ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ФОНД

2.1. Мақсади асосии Фонд ин пешниҳоди қарзҳои хурд барои зиёд намудани дастрасии аҳолии вилояти Суғд ба хизматрасониҳои молиявӣ мебошад.

2.2. Барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ Фонд намудҳои зерини фаъолиятро ба амал мебарорад:

2.2.1. Пешниҳоди қарз ва қарзҳои истеъмолӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, шахсон ва гурӯҳҳои соҳибони тиҷорат мувофиқи Сиёсати Қарздиҳӣ ва Қоидаҳои Фонд, ки аз тарафи Шӯрои парасторон тасдиқ шудааст ва ҳар замон тағйир ёфта меистанд;

2.2.2. бастани қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ.

2.3. Фонд инчунин дигар фаъолиятҳоро, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зид нестанд ва барои ба максадҳояш расидан заруранд, аз ҷумла ва бо фаъолиятҳои зерин маҳдуд намешаванд, ба амал мебарорад:

2.3.1. маблағҳои озоди худро дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намояд;

2.3.2. тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) машғул шавад, ҳамчунин аз ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз гирад;

2.3.3. молу мулки ғайриманкулеро, ки дар натиҷаи гузаронидани амалиёти бонкӣ ба даст овардааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати се моҳ ва дар дигар ҳолатҳо дар муддати на дертар аз ду соли баъди ба даст овардани он фурӯшад;

2.3.4. қарз ва маблағҳои грантиро аз ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ ва байналхалқӣ, инчунин аз шахсони хусусӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷалб намояд;

2.3.5. ташкили семинару тренингҳо оид ба маърифати молиявӣ ва соҳибкорӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ байни мизоҷон ва ғайримизоҷон;

2.3.6. таъмини хизматрасониҳои ғайримолиявӣ барои соҳибкорон ва ҷамъият бо мақсади паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғл, пешбарии фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили шароитҳои фароҳам барои рушди соҳибкории хурду миёна;

2.4. Он амалиётҳое, ки ба амал баровардани онҳо фақат бо иҷозатномаҳои Бонки милии Тоҷикистон мумкин аст, танҳо баъди гирифтани чунин иҷозатномаҳо ба амал бароварда мешаванд.

## III. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ФОНД

3.1. Фонд баъди дар мақомоти бақайдгирӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш, мақоми шахси ҳуқуқиро доро мегардад. Фонд ҳуқуқ дорад, ки ҳамагуна амалҳоро, ки барои ба амал баровардани фаъолияташ заруранд ва мувофиқанд, бо назардошти он, ки ҳамаи иҷозатҳои зарурӣ мувофиқи Оинномаи мазкур гирифта шудаанд, пеш барад ва ҳуқуқҳои Фонд бо ҳуқуқҳои зерин маҳдуд намегарданд:

3.1.1. дар мақомоти судӣ ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд ва аз номи худ ҳимоя ва даъвоҳо пешниҳод кунад;

3.1.2. дорои мӯҳри давра, бланкҳо бо номи худ ба забонҳои тоҷикӣ бошад, ки тағйир дода шуданашон мумкин буда, онҳоро метавонад дар намуди аслашон, замимаҳо ва дигар шаклҳо истифода барад;

3.1.3. дар бонкҳо ҳисобҳои ҷорӣ ва дигар ҳисобҳо кушода истифода барад;

3.1.4. соҳиби молу мулки ғайриманқуле, ки барои таъмини фаъолияти худ ва эхтиёҷоти иҷтимоии кормандон, аз ҷумла молу мулки зарурӣ барои таъмини фаъолияти Фонд, гардад;

3.1.5. амволи худро фурӯшад, хамчун гарав истифода барад, ба иҷора диҳад, иваз намояд ва бо ҳар роҳ ихтиёрдорӣ кунад;

3.1.6. ӯҳдадориву манфиатҳои дигар ташкилотҳоро соҳиб гардад, имзо гузорад, ба даст орад, нигоҳ дорад, эътироф намояд, истифода барад, фурӯшад, ба сифати гарав истифода намояд, супорад ва бо ҳар роҳ ихтиёрдорӣ кунад;

3.1.7. кафолату шартномаҳоро имзо кунад, ӯҳдадориҳоро қабул намояд, маблағҳоро қарз гирад ва ӯҳдадориҳои худро бо амвол ё даромади худ, бо гарав таъмин намояд;

3.1.8. маблағҳоро қарз диҳад, фондҳои худро маблағгузорӣ кунад ва маблағ гирад, амволи ғайриманқул ва манқулро ба сифати таъмини пардохт гирад;

3.1.9. аъзои ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайриҳукуматӣ) миллӣ ва байналхалқӣ бошад ва бо чунин ташкилотҳо муносибатҳо дошта бошад;

3.1.10. барои ба амал баровардани фаъолияти худ ва ҳуқуқҳои худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо ва намояндагиҳои худро таъсис диҳад;

3.1.11. пардохт ва ё ҳамагуна амалҳоро, ки ба қонун зид нестанд ва барои пешравии фаъолияти Фонд равона шудаанд,, ба амал барорад.

3.2. Фонд тибқи қонунгузориҳои ҷории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҳисоботдиҳии молиявӣ ва омориро ҷорӣ менамояд.

3.3. Ҳамагуна даромаде, ки дар натиҷаи фаъолияти Фонд ба даст меояд, барои васеъ намудани фаъолияти Фонд равона карда шуда, байни муассисон, донорон, сарпарастон ва дигар шахсон тақсим намегардад.

3.4. Фонд ҳуқуқ дорад, қисми даромадеро, ки дар натиҷаи фаъолияташ ба даст меорад, барои захираҳои махсус ва ё дигар мақсадҳое, ки ба қонунҳо зид нестанд, равона созад.

## IV. СИЁСАТИ ДОДАНИ ҚАРЗ

4.1. Фонд фаъолияти худро оид ба додани қарз мувофиқи Сиёсати қарзӣ ва Қоидаҳои Фонд, ки аз тарафи Шӯрои парасторон тасдиқ шудааст, ба амал мебарорад, ки ҳар замон ба онҳо тағйирот даровардан мумкин аст.

## V. ЗАХИРАҲОИ ФОНД

5.1. Фонд ӯҳдадор аст, ки активҳои худ ва портфели қарзро тасниф намуда, фондҳои захиравӣ аз рӯи қарзҳо ташкил намояд.

5.2. Ташкили фондҳои захиравӣ аз рӯи қарзҳо, аз ҳисоб соқит намудани қарз ва зарарҳо, тағйир додани захираҳо мувофиқи талаботҳои сиёсати дарунӣ ва тартиботи Фонд ба амал бароварда мешаванд.

5.3. Хароҷотҳо барои ташкили фонди захиравӣ аз рӯи қарзҳо, ҳамчун хароҷотҳои Фонд ҳисобида мешаванд.

## VI. АМВОЛИ ФОНД

6.1. Фонд мувофиқи максадҳое, ки дар Оинномаи мазкур муқаррар шудаанд, ҳуқуқи доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ карданро нисбати амволи худ ба амал мебарорад.

6.2. Амволи Фонд аз манбаҳои зерин ташаккул меёбанд:

- пул ва дигар амволе, ки муассис додааст;
- пардохтҳои ихтиёрӣ ва бахшишҳои шахсони хусусӣ, сарпарастон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ, фондҳо ва ғайраҳо, дар намуди активҳои моддӣ (аслӣ) ё воситаҳои пулӣ;
- дигар даромадҳои қонунӣ;
- даромад аз маблағгузории Фонд;
- даромад аз амволи Фонд;
- дигар сарчашмаҳои даромад, ки бо қонун манъ нашудаанд.

6.3. Ба сифати саҳми ихтиёрӣ Фонд метавонад ҳамагуна амволро дар намуди воситаҳои моддӣ, пардохтҳои маънавӣ ва ғайра, ки ройгон пешниҳод мегарданд, қабул намояд.

6.4. Даромаде, ки аз фаъолияти додани қарз, маблағгузорӣ ва хизматрасонии пулакии Фонд ба даст меояд, барои зиёд намудани активҳо, пардохти хароҷоти оператсионӣ ва дигар хароҷотҳо, ки ба фаъолияти Фонд алоқаманданд, инчунин хароҷотҳои молиявӣ вобаста бо нигоҳдории амволи Фонд ва барои мақсадҳои ташкилӣ, мувофиқи Оинномаи мазкур равона карда мешаванд.

6.5. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки баъди таъсиси Фонд амволи худро ба Фонд медиҳанд, ҳуқуқ ва макоми муассиси Фондро соҳиб намегарданд.

6.6. Муассис нисбати амволи Фонд ҳуқуқи соҳибмулкро надорад.

## VII. НАҚШИ МУАССИСИ ФОНД

7.1. Нақши Муассис дар фаъолияти Фонд аз ваколатҳои зерин иборат аст:

7.1.1. Манфиатҳои Фондро дар ҷомеаи донорӣ ва молиявӣ пешбарӣ намояд;

7.1.2. Ҳайати ибтидоии Шӯрои парастонро таъин намояд.

## VIII. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ФОНД

8.1. Мақомоти олии роҳбарикунандаи Фонд – Шӯрои парасторон (минбаъд Шӯро ном бурда мешавад) мебошад

8.1.1. Шӯрои парасторон дар назорати фаъолияти Фонд, истифодаи амволи Фонд ва мутобиқатии фаъолияти Фонд ба қонунҳо ва қоидаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур фаъолона ва мустақилона иштирок менамояд ва ҳамеша бохабар мебошад.

8.1.2. Ба салоҳияти Шӯро ваколатҳои зерин дохил мешаванд:

1. муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Фонд;
2. ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Фонд;
3. азнавташкилдиҳии Фонди қарздиҳии хурд;
4. тасдиқи дастури Шӯрои парасторони Фонд;

5. тасдиқи нақшаҳои дарозмуҳлати стратегӣ, баланси ҳарсола ва нақшаҳои молиявӣ, сиёсати дохилӣ ва қоидаҳои Фонд, аз ҷумла ва бо инҳо махдуд нашуда: Сиёсати Қарздиҳӣ ва Қоидаҳо, Сиёсати маъмурӣ;
6. таъин ва аз кор озод намудани Директори Фонд, сармуҳосиб, Аудитори дохилӣ ва сарварони филиалҳо, бо бастан ва қатъ намудани шартнома бо ҳар як корманди роҳбарикунандаи Фонд, мувофиқи қонуни меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯрои парасторон метавонад, дар асоси ваколатнома ва ё қарори худ ваколатҳои худро оиди ба кор таъин намудан ва аз кор озод намудани номзадҳо ба вазифаҳои дар боло номбаршуда, ба ғайр аз вазифаи Директор, ба Директор диҳад;
7. Ташкили Мақомоти Иҷроияи Фонд;
8. ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани раис ва аъзоёни Мақомоти Иҷроияи Фонд, агар чунин мақомот таъсис ёбад;
9. бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо Директори Фонд;
10. интихоби раиси Шӯрои парасторони Фонд;
11. ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шӯрои парасторони Фонд;
12. муайян намудани шартҳо, мӯҳлатҳои шартномаҳо ва маблағи пардохт барои ҳайати идоракунандаи Фонд;
13. интихоб ва тасдиқ Аудитори Берунӣ (мустақил) ва шартҳои шартнома барои иҷрои корҳо;
14. интихоби намудани аъзои комиссияи тафтишотии фонд ва тасдиқи намудани низомномаҳои ба он вобаста;
15. тасдиқи ҳисоботҳои молиявии солона ва ҳисоботҳо дар бораи фаъолият;
16. тасдиқи буҷет, сохтор ва андозаи музди маоши кормандон (ҷадвали штатӣ)-и Фонд аз руи пешниҳоди Директори Фонд;
17. бо пешниҳоди Директори Фонд тасдиқ намудани нақшаи аз эътибор соқит донистани воситаҳои асосӣ, аз ҷумла қарзҳо;
18. бо пешниҳоди Директори Фонд тасдиқ намудани таклифҳо ба ихтиёрдории активҳо(дороиҳо) ва ё истифода бурдани активҳои Фонд хамчун гарав;
19. таъсис додан, барҳам додан ва тасдиқ намудани низомномаи филиалҳо ва намояндагиҳои Фонд;
20. тасдиқи кушодани ҳисобҳои бонкӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ;
21. тасдиқи хамаи маблағгузориҳои берунӣ ва маблағгузории аҳдҳо;
22. баҳо додан ба кори ҳайати идоракунандаи Фонд;
23. баррасӣ ва тасдиқ намудани лоиҳаи шартномаҳо ва ахдҳои Фонд дар бораи фурӯхтан, иваз намудан ва дигар диспозитсияҳои активҳои Фонд, дар ҳолатҳое, ки маблағи шартномаҳо **аз 10% активҳои умумии Фонд зиёд аст**, ба ғайр аз шартномаҳои додани қарз ва шартномаҳое, ки ба мондани гарав вобастаанд ва мувофиқи шартҳои Сиёсати Қарздиҳӣ ва Қоидаҳои Фонд баста шудаанд.

8.1.3. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ аъзоёни Шӯрои парасторон ҳуқуқ доранд:

- ҳамагуна ҳуҷҷати Фондро дида бароянд;
- аудити махсуси фаъолияти Фондро таъин намоянд;
- ҳамавақт мавҷудияти воситаҳои Фондро тафтиш намоянд;
- аз Директори Фонд ҳама гуна ахборотро нисбати фаъолияти Фонд, аз ҷумла ҳисобот дар бораи фаъолият ва баланс(тавозун)-ро талаб намоянд.

- Ба ҷуброни хароҷоти сафари хизматӣ бахри иҷроиши фаъолият ба фоидаи Фонд.

8.1.4. Шӯрои парасторон дар ҳайати 3 (се) кас таъсис дода мешавад. Аъзоёни Шӯро ба мӯҳлати се сол таъин карда шуда, бояд аз се маротиба зиёд пай дар ҳам таъин нагарданд.

8.1.5. Аъзоёни Шӯрои парасторон байни худ ва кормандони Фонд муносибатҳои хешутаборӣ дошта наметавонанд.

8.1.6. Аъзоёни Шӯро метавонанд тариқи хаттӣ 15 рӯз пештар аз санаи қатъ намудани фаъолияти худ Раиси Шӯроро бохабар намуда, фаъолияти худро қатъ намоянд.

8.1.7. Агар дар Шӯро ҷои ягон аъзо холӣ бошад, аъзоёни Шӯро метавонанд номзадро аз ҳисоби фардҳое, ки барои ба мақсад расидани рисолат ва ҳадафҳои Фонд манфиатдоранд ва барои ҳамчун аъзои Шӯро фаъолона кор кардан ӯҳдадор ва хоҳиш дорад, инчунин соҳиби маълумоти олии иқтисодӣ, молиявӣ ё ҳуқуқӣ ва шахси аз нигоҳӣ касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошад, муайян ва интихоб намоянд.

8.1.8. Таъин намудани аъзоёни нави Шӯрои парасторон лоақкал 15 рӯз пеш аз ба охир расидани мӯҳлати кори аъзоёни он ба амал бароварда мешавад.

8.1.9. Маҷлиси Шӯрои парасторон дар ҳолатҳои зарурӣ ва на кам аз 1 маротиба дар се моҳ гузаронида мешавад.

8.1.10. Кворум барои гузаронидани маҷлисҳои Шӯро ва баррасии масъалаҳо иштироки на кам аз нисфи аъзоёни он мебошад. Қарорҳои Шӯрои парасторони Фонд бо тарафдории на кам аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзоёни иштирокдошта дар ҷаласаи Шурои парасторон қабул карда мешавад.

8.1.11. Шӯрои парасторон метавонад қарорҳои худро ба воситаи розигии хаттии аъзоёнаш ва почтаи электронӣ қабул намояд.

8.1.12. Қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои парасторон барои иҷроиш аз тарафи кормандони Фонд ҳатмӣ мебошанд.

8.2. **Директор – мақомоти иҷроияи Фонд мебошад**

8.2.1. Директори Фонд ҳамчун мақомоти иҷроия амал мекунад.

8.2.2. Директори Фонд аз тарафи Шӯрои парасторон таъин карда мешавад ва барои идоракунии фаъолияти ҳаррӯзаи Фонд масъул мебошад.

8.2.3. Директор ба муддати як сол аз тарафи Шӯрои парасторон таъин мегардад. Шартномаи меҳнатӣ бо Директори Фонд ҳар сол аз нав баста мешавад. Салоҳияти Директори Фонд ҳама масъалаҳои марбут ба фаъолияти Фондро, бидуни он масъалаҳое, ки таҳти салоҳияти Шӯрои парасторон қарор доранд, дар бар мегирад. Директор бевосита ба Шӯрои парасторон ҳисобот медиҳад ва иҷроиши ҳамаи қарорҳои Шӯрои парастонро таъмин менамояд.

8.2.4. Директори Фонд вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

1. Фаъолияти Фондро мувофиқи нақшаҳо ва барномаҳои аз тарафи Шӯро тасдиқ шуда, идора менамояд;
2. Пешниҳодҳоро барои ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонӣ ва барномаҳоро коркард намуда, ба амал баровардани онҳоро баҳо медихад, хароҷотҳоро, ки ба

ичроиши онҳо вобастаанд, муайян менамояд ва чунин пешниҳодҳоро ба Шӯро барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

3. Ваколати қабули қарорро нисбати фаъолият оид ба додани қарз, мувофиқи Сиёсати қарздиҳӣ ва Қоидаҳои Фонд, ба амал мебарорад;
4. Буҷети ҳарсола, сохтор ва андозаи музди маоши кормандон(ҷадвали штатӣ)-и Фонд, нақшаҳои ҳарсола ва оператсионӣ, баланси солона ва дигар ҳисоботҳои Фондро таҳия намуда, ба Шӯро пешниҳод менамояд;
5. Ҳисоботҳои хаттӣ оид ба фаъолият ва баланси молиявии Фондро ҳар семоҳа тайер намуда ба Шӯро пешниҳод менамояд;
6. Ҳуҷҷатҳои дохилӣ, қоидаҳо, дастурамалҳо ва тартиботҳоро дар мувофиқа бо сиёсатҳо ва тартиботи дохилаи Фонд коркард намуда, ба Шӯро барои тасдиқ пешниҳод мекунад;
7. Қарорҳоро нисбати қабули амволи (гарави) қарздорони Фонд ҳамчун пардохти қарзи додашуда ва фурӯши чунин амволро қабул менамояд;
8. Дар давоми 30 рӯз баъди анҷом ёфтани ҳар семоҳа, соли буҷетӣ ба Шӯро оиди фаъолияти асосӣ ва молиявии Фонд бо роҳи пешниҳоди ҳисоботҳо, ки бояд дар онҳо натиҷаҳои корӣ, таҳлили сандуқи қарзӣ, муҳокимаи масъалаҳо нисбати ҳайати кормандон, лоиҳаҳои махсус ва хароҷотҳо (яъне, кушодашавӣ/таъмири филиал ва ғайра) ва дохил карда шудаанд ва дигар маълумотро вақт аз вақт тибқи дархости Шӯрои парасторон, ҳисобот медиҳад;
9. Ба Шӯро лоиҳаи тағйиротро ба Оиннома пешниҳод менамояд;
10. Ба Шӯро нисбати зарурияти таъсис ё барҳам додани филиалҳо ва намояндагиҳои Фонд, ё корхонаҳои ёрирасон, таклифҳо пешниҳод менамояд;
11. Ҳисоботҳои кормандони Фондро нисбати фаъолияти Фонд баррасӣ менамояд;
12. Ҳамаи дигар масъалаҳоро барои дар Шӯро баррасӣ намудан, таҳия месозад ва месанҷад;
13. Коркарди қоидаҳои дохилӣ ва қоидаҳо ва сиёсати оператсионӣ, аз ҷумла қоидаҳои додани қарзро ҳамоҳанг сохта, ба Шӯро барои тасдиқ пешниҳод мекунад;
14. Таклифҳоро дар бораи донорҳои потенсиалӣ, ки воситаҳои худро ҷойгир месозанд ва имкониятҳои тиҷоратии маблағгузориро ба Шӯро пешниҳод менамояд ва тасдиқи Шӯроро оид ба чунин аҳдҳо мегирад.

8.2.5. Ба салоҳияти Директор инҳо дохил мешаванд:

1. манфиатҳои Фондро муаррифӣ намуда, аз номи Фонд бе ваколатнома амал мекунад;
2. барои аз номи Фонд амал намудан, ба дигар шахсон ё кормандони Фонд ваколатномаҳо медиҳад;
3. дар маҷлисҳои Шӯро бо ҳуқуқи овози машваратӣ иштирок менамояд;
4. вазифаи намояндаи ягона ва/ ё Раиси Фондро иҷро мекунад;
5. фаъолияти ҳаррӯзаи Фондро мувофиқи Оинномаи мазкур ва шартномаи меҳнатиаш идора мекунад;
6. нақшаҳои тиҷоратӣ ва дигар барномаҳои фаъолияти молиявӣ ва кории Фондро коркард намуда, иҷроиши онҳоро таъмин менамояд;
7. иҷрои қарорҳои аз тарафи Шӯрои Парасторон ва мақомоти иҷроияи Фонд (агар чунин таъсис ёбад) қабулшударо ташкил ва назорат мекунад;
8. аъзоёни Кумитаи қарздиҳии Фондро хоста гирифта, барои тасдиқ ба Шӯро пешниҳод менамояд;

9. муносибатҳоро бо тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳо, намояндагон аз чунин ташкилотҳо, ҳамкорони маҳаллӣ ва ҳориҷӣ ба амал мебарорад;
10. аз номи Фонд ҳамагуна муносибатҳои кориро барқарор ва қатъ менамояд, гуфтугузорҳо ва вохӯриҳои корӣ мегузаронад, шартномаҳоро дар ҳудуди ваколатҳои худ мебандад;
11. кормандони Фондро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, бо онҳо шартномаҳои меҳнатӣ мебандад, шароитҳои меҳнатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабӣ ва дигар шартҳои меҳнатро барои кормандони Фонд муайян мекунад;
12. ҳамаи ҳуҷҷатҳои молиявии Фондро, аз ҷумла ҳисоботҳои молиявӣ ва балансро имзо мегузорад;
13. фармону супоришҳо ва нишондодҳо медиҳад, ки барои ҳамаи кормандони Фонд ҳатмӣ мебошанд;
14. оиди натиҷаҳои фаъолияти Фонд ҳар се моҳ ва ҳар сол дар назди Шӯро ҳисобот медихад;
15. суратҳисобҳои бонкӣ кушода, фондҳо ва амволи Фондро дар ҳудуди бо Оинномаи мазкур ва қарори Шӯро ва Раёсат муқаррар шуда, агар чунин мақомот таъсис ёбад, истифода мебарад;
16. дигар вазифаҳоро, ки аз тарафи Шӯро ва мақомоти иҷроия (агар чунин таъсис ёбад) супорида шудаанд, иҷро менамояд.

8.2.6. Фармону супоришҳое, ки аз тарафи Директор (дар ҳудуди ваколатҳояш) баровarда мешаванд, барои кормандони Фонд ҳатмӣ мебошанд.

8.2.7. Вазифаҳое, ки Директор бояд иҷро кунад, дар шартномаи меҳнатӣ, ки Шӯро тасдиқ менамояд ва Раиси Шӯро аз номи Фонд мебандад, муфассал нишон дода мешаванд.

8.2.8. Директор ҳамзамон аъзои Шӯро шуда наметавонад.

## IX. АУДИТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНӢ

9.1. Назорати фаъолияти Фондро аудитори дохилӣ, ки Шӯрои парасторон таъин мекунад, ба амал мебарорад.

9.2. Аудитори дохилӣ назорати фаъолияти Фондро дар ҳаҷм ва бо тартибе, ки дар ҳуҷҷатҳои дохилаи Фонд, ки Шӯрои парасторон тасдиқ кардааст, пешбинӣ гаштааст, ба амал мебарорад.

9.3. Тафтиши натичаҳои солонаи фаъолияти молиявию ҳоҷагидории Фонд аз тарафи аудитори берунӣ (мустақил), ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро дорад, гузаронида мешавад. Аудитори берунӣ (мустақил) шахси алоҳида ва ё фирмаи аудиторӣ шуда метавонад.

9.4. Аудитори берунӣ (мустақил) ҳуқуқ дорад аз Директори Фонд ва мақомоти иҷроия (агар чунин таъсис ёбад) пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро барои гузаронидани аудити Фонд талаб намояд.

9.5. Аудитори берунӣ (мустақил) оид ба натиҷаҳои тафтиш бояд ба Директори Фонд, мақомоти иҷроия (агар чунин таъсис ёбад) ва Шӯрои парасторон ҳисобот ва мактуб ба роҳбарият диҳад.

## X. БАҲИСОБГИРӢ ДАР ФОНД

**10.1.** Фонд ҳисоб ва қайди аниқ ва муфассали ҳамаи амалиётҳо ва хароҷотҳоро мувофиқи Стандартҳои Байналхалқии Баҳисобгири (IAS) ва Стандартҳои Баҳисобгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои бахисобгирии Фонд бояд барои тафтиш аз тарафи аъзоёни Шӯро, баъди хабардиҳии мувофиқ, дастрас гарданд. Соли Ҳисоботии Фонд (минбаъд «Соли Буҷетӣ») рӯзи охирини моҳи декабр ба охир мерасад.

**10.2.** Фонд нигоҳдории ҳамаи қарорҳо ва суратҷаласаҳои маҷлисҳои Шӯро ва мақомоти иҷроия (агар чунин таъсис ёбад), қайди ҳамаи амалҳоро аз тарафи Шӯро, ки берун аз маҷлисҳо содир карда шудаанд ва қайди ҳамаи амалҳоеро, ки аз тарафи мақомоти иҷроия (агар чунин таъсис ёбад) аз номи Шӯро ва Фонд содир шудаанд, ташкил мекунад.

**10.3.** Фонд, инчунин, нигоҳдории нусхаи ҳуҷҷатҳои зеринро дар коргузории асосиаш таъмин менамояд:

- Оинномаи мазкур ва тағйиротҳо ба он;
- низомнома, агар қабул шуда бошад ва ҳама тағйиротҳо ба он;
- рӯйхат ва суроғаи тиҷоратии ҳамаи аъзоёни ҷории Шӯро ва ҳайати роҳбарикунанда;
- ҳисоботҳои солона ва ҳамагуна ҳуҷҷатгузориҳо мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## XI. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ФОНД

11.1. Азнавташкилдиҳии Фонд баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

11.2. Ҳангоми барҳам додани Фонд, масъалаҳои марбут ба маблағҳои пулӣ ва амволи Фонд, ки баъди иҷрои ӯҳдадориҳо боқи мемонанд мутобиқи қонунгузорӣ дар асоси қарори суд ҳал карда мешаванд.

Пронумеровано и прошнуровано
в объёме 10 листов

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ФИЛИАЛИ ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «МИКРОИНВЕСТ» ДАР ш.ХУҶАНД.
Микрофинансовый фонд МИКРОИНВЕСТ Таджикистан